Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 23 (4606) | ҶУМЪА, 10 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО МАУЛЕН АШИМБАЕВ

**Даҳуми феврали соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар доираи иштирок дар нахустин Форуми байнипарлумонии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Туркистони Ҷумҳурии Қазоқистон бо Раиси Сенати парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон Маулен Ашимбаев мулоқот кард.**

Маҳмадтоир Зокирзода ба Маулен Ашимбаев барои истиқболи гарм ва меҳмоннавозии самимиаш аз ҳайати тоҷикистонӣ ва баргузории нахустин Форуми байнипарлумонии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар сатҳи баланди ташкилӣ изҳори сипос намуда, гуфт, ки Тоҷикистон ва Қазоқистон дӯстони хуб ва шарикони стратегӣ мебошанд. Халқҳои ҳар ду мамлакатро риштаҳои дӯстии бародарона, ки ба анъана ва арзишҳои умумӣ асос ёфтаанд, мепайвандад.

- Боварӣ дорам, ки мулоқоти навбатии мо ба таҳкими муносибатҳои бисёрҷанбаамон мусоидат хоҳад кард, - афзуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Дар мулоқот, ҳамчунин таъкид гардид, ки аз оғоз ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба байни Тоҷикистон ва Қазоқистон дар фазои мутақобилан судманд ва ҳусни тафоҳум ҷараён гирифта, дар ҳоли рушд аст.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки тавассути муколамаҳои доимии сатҳи баланд робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ҳама самт мазмуну мундариҷаи нав касб карда, дар оянда доираҳои зиёди мавриди таваҷҷуҳ ва барои тарафҳо манфиатоварро фаро хоҳанд гирифт.

## БАРГУЗОРИИ ФОРУМИ БАЙНИПАРЛУМОНИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Даҳуми феврали соли 2023 нахустин Форуми байнипарлумонии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Туркистони Ҷумҳурии Қазоқистон ба кор оғоз кард.**

Раиси Сенати парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон Маулен Ашимбаев нахуст раисони парлумонҳои кишварҳои Осиёи Марказиро ба кишвараш, хусусан шаҳри Туркистон, хайра мақдам гуфт. Ӯ ба сатҳ ва раванди баргузории нахустин Форуми байнипарлумонии давлатҳои Осиёи Марказӣ баҳои баланд дода, баргузории онро барои тақвияти ҳамкориҳои кишварҳои ширкаткунанда дар ҳама замина муфид арзёбӣ кард.



Сипас, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар мавзӯи «Таҳкими ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи стратегии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва нақши парлумонҳо дар ин раванд» дар назди иштирокчиён баромад намуда, аз ҷумла, иброз намуд, ки имрӯз дар чаҳорчӯбаи вохӯриҳои машваратӣ дар сатҳи сарони парлумонҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ муколамаи мунтазам ва созанда ба роҳ монда шудааст.

- Бо шарофати иродаи сиёсии роҳбарияти олии кишварҳоямон динамикаи устувори мусбати ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, рушд ёфтаанд.

Тавре дар ёд дорем, сарони давлатҳо зимни вохӯриҳо аҳамияти ҳамкориҳои байнипарлумониро барои таҳкими муносибатҳои гуногунҷанбаи дӯстӣ ва ҳамсоягии неки давлатҳои Осиёи Марказӣ таъкид намуда, фаъолсозии минбаъдаи муколама дар ин самтро ҷонибдорӣ карданд.

Итминон дорам, ки вохӯриҳои мо дар доираи Форуми байнипарлумонӣ ба тавсеа ва рушди муносибатҳои байнипарлумонии минтақавӣ такони нав мебахшад, - таъкид намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Форуми якуми байнипарлумонии кишварҳои Осиёи Марказӣ, бешубҳа, барои истифодаи минбаъдаи иқтидори «дипломатияи парлумонӣ ва мардумӣ»-и кишварҳои минтақа бо мақсади мусоидат ба тавсеа ва таҳкими робитаҳои минтақавии байнидавлатӣ дар ҳама самт мусоидат хоҳад кард.

- Мо минбаъд низ раванди идомаёфтаи рушди ҳамкориҳои байнипарлумонии минтақавиро дар заминаи муносибатҳои таърихан барқароршудаи дӯстона ва ҳамсоягии нек байни кишварҳоямон муҳим арзёбӣ намуда, ҷонибдорӣ менамоем, - афзуд Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.



Маҳмадтоир Зокирзода, ҳамчунин, таъкид кард, ки чунин таҳдиду хатарҳо, аз қабили терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, киберҷинояткорӣ ва дигар шаклҳои ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ, тамоюли босуръати афзоиш доранд.

Дар ин замина парлумонҳои мо метавонанд ба вусъати робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ҳаматарафа мусоидат намоянд.

Раиси парлумони мамлакат, ҳамчунин, зикр кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ барои пешбурди масъалаҳои об ва иқлим пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Ташаббусҳои Тоҷикистон дар ин самтҳо барои ҷалби таваҷҷуҳи бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли мушкилоти таъхирнопазири марбут ба об ва тағйирёбии иқлим пешбинӣ шудаанд.

Маҳмадтоир Зокирзода, ҳамчунин, афзуд, ки мероси фарҳангии халқҳои минтақа дар таърихи муштараки мо осори барҷаста гузошта, дар илму адаб, санъат ва меъмории тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми бориз бар ҷо гузоштааст.

Вакилони парлумонро зарур аст, ки баҳри мусоидат барои фаъолсозии кор дар самти фазои умумии фарҳангию гуманитарӣ дар Осиёи Марказӣ чораҳо андешанд.

- Дар навбати худ, мо аз пешниҳоди ҳамаи ҷонибҳо оид ба баррасии масъалаҳои ҳаётан муҳим дар самтҳои афзалиятнок барои кишварҳоямон истиқбол мекунем. Боварӣ дорам, ки дар натиҷаи форуми имрӯза барои ҳамоҳангии зичи фаъолияти мақомоти қонунгузории кишварҳои минтақа ҷиҳати мусоидат ба ҳамгироии иқтисодӣ, рушди робитаҳои сиёсӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи илму фарҳанг заминаҳои нав ба вуҷуд меоянд, - гуфт дар фарҷом Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ПАЁМ - АСОСИ РУШДИ ҶОМЕА

**Барно САИДВАЛИЗОДА,**
**сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ**



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд, ки «Соли 2022 барои Тоҷикистони мо, дар маҷмӯъ соли бобарор буд». Ин нукта моро водор месозад, ки рӯйдодҳои соли сипаригардидаро дар зеҳн равшан намоем. Бо баррасию таҳлил дармеёбем, ки соли 2022, воқеан ҳам, барои мардуми шарифи мо соли пурфайзу бобаракат буд. Дар замоне, ки вазъи ҷаҳон ҳар лаҳза тағйир меёбад ва гурӯҳҳои манфиатдор бо корбурд аз василаҳои гуногун саъй бар он доранд, ки дар кишварҳо ва фаротар аз он дар минтақаҳо бо ноором намудани вазъ манфиат ҷӯянд, пойдор нигоҳ доштани оромиву осудагӣ, сулҳу субот ва гузашта аз ин, ба сӯйи ободию сарсабзӣ устуворона қадам ниҳодан беҳтарин неъмат аст.**

Дар Паёми навбатӣ ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ таҳлилу баррасӣ гардида, дастовардҳо ва нақшаву дурнамои онҳо бо овардани далелу санад ба таври мушаххас инъикос ёфт. Мусаллам аст, ки рушду пешравии ҳар як кишвар ба сатҳи маърифати аҳолии он вобастагӣ дорад. Аз ин ҷост, ки дар Паём соҳаи маориф ва масъалаҳои марбут ба он дар мадди аввал қарор гирифт. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар панҷ соли гузашта «… аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст». Ин арқоми зикргардида дар зеҳн ин андешаро бедор менамояд, ки чунин пешравӣ барои ҳар кишвари рӯ ба рушд дастоварди бузург аст. Роҳбари давлат ба мақоми баланди мактаб ва омӯзгор ишора намуда, ҳушдор доданд, ки агар ин ду набошанд, маърифат ба фаромӯшӣ рафта, ҷаҳолат боло мегирад ва оқибати он барои ҷамъият фоҷиабор хоҳад буд. Ҳамчунин, Пешвои миллат дар Паёмашон зикр намуданд: «… агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад».

Пешвои миллат бори дигар таъкид намуданд, ки Ҳукумати мамлакат соҳаҳои маориф ва тандурустиро соҳаҳои асосӣ ва калидӣ дониста, ҷиҳати рушди босуботи ин соҳаҳо минбаъд низ ҳамаҷониба кӯшиш менамояд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи музди маоши кормандони соҳа таваҷҷуҳ намуда, пешниҳод намуданд, ки музди маоши кормандони соҳаи маориф, илм ва стипендияҳо аз 1-уми июли соли 2023 ба миқдори 20 фоиз баланд бардошта шаванд.

Мусаллам аст, ки муҳайё кардани ҳаёти осоишта ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ҳадафи оливу умдаи Давлат ва Ҳукумати мамлакат мебошад. Маҳз тадбирандешии саривақтӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ва муҳайё кардани шароити мусоид замина фароҳам овард, ки сатҳу сифати зиндагии мардум сол то сол беҳтару хубтар гардад. Паёми имсола ҳар як сокини кишварро дилпур намуд, ки ин раванд минбаъд низ идома ёфта, ӯро зиндагии хубтару беҳтар дар пеш аст. Роҳбари давлат вобаста ба масъалаи мавриди назар таъкид намуданд, ки барои роҳандозии амалкарди муносиб дар ин самт «… Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки пешрафти устувори минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии кишварро нигоҳ дошта, соли 2023 суръати рушди иқтисодиро дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намояд».

Дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ ҳамеша дар мадди назари Давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Сол то сол ҳаҷми нафақа, кумакпулӣ, ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар меафзояд. Дар соли 2022 низ ин раванд идома ёфта, ба ин самт 4,3 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Бо мақсади таъмини минбаъдаи шароити мусоиди зиндагии ин қишри ҷомеа Роҳбари давлат дар Паёми хеш ишора намуданд, ки: «…то охири соли 2022 ба 475 ҳазор шаҳрвандони эҳтиёҷманди кишвар, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ, кумаки молиявии якваќта дар ҳаҷми 600 сомонӣ иловатан пардохт карда мешавад ва ба ин мақсад 285 миллион сомонӣ равона мегардад».

Муяссар гардидани Истиқлолияти давлатӣ дар баробари бахши давлатӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ ва таъсиси коргоҳҳои хусусӣ дар ҳама самтҳои хоҷагии халқ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳазорҳо корхонаҳои хурди хусусӣ таъсис ёфт, ки ба ин васила, ҳам сатҳи бекорӣ коҳиш ёфт ва ҳам иқтисоди хонаводагии аҳолӣ беҳтар шуда, буҷети давлат ғанитар гардид. Барои соҳибкорони ватанӣ шароити мусоид фароҳам омад, ки дар баланд бардоштани сатҳи иқтисоди кишвар ва ободтару зеботар гардонидани кишвари азизамон саҳмгузор бошанд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала ишора намуда, ёдовар шуданд, ки «Танҳо дар панҷ соли охир аз ҷониби соҳибкорони мамлакат ба маблағи умумии беш аз 12 миллиард сомонӣ қариб 18 ҳазор иншооти таъиноти истеҳсоливу иҷтимоӣ сохта, ба истифода супорида шудааст». Ҳамчунин Ҳукумати мамлакатро вазифадор намуданд, ки барои боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар Паём ба он ишора гардид, ин мақом ва ҷойгоҳи зан - модар дар ҷомеа буд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷиҳати ҷалби духтарон ба таҳсил ва соҳибмаълумот гардонидани онҳо тадбирҳои назаррасу бесобиқа андешида шудааст. Имрӯз соҳае нест, ки занону духтарони мо дар он фаъолият накунанд. Роҳбари давлат бонувонро дар ҷомеа қувваи бузург арзёбӣ карда, чунин таъкид намуданд: «Мо тасмим дорем, ки ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш бахшем, зеро онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд ва мо ба неруву ташаббусҳои онҳо ҳамеша эътимод дорем.

Мо ба нақши зан-модар, ки мавҷуди муқаддас мебошад, ҳамеша арҷ мегузорем, чунки ӯ насли инсонро ба вуҷуд меоварад, тарбия мекунад ва ба камол мерасонад».

Роҳбари давлат ҷавононро неруи ояндасоз ва захираи стратегии миллӣ дониста, барои фарогирии онҳо ба таҳсил, соҳиби касбу ҳунар гардидан, бо ҷойи кор таъмин намудан ва ҳатто таъини онҳо ба вазифаҳои масъул пайваста ғамхорӣ зоҳир месозанд. Таъкид намуданд, ки аз ҷавонони кишвар ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушду густариши давлат ва ободии Ватани азизамон саҳм мегузоранд, марзу буми кишвари азизамонро ҳимоя мекунанд, бонангу номус ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд. Дар самти роҳандозии сиёсати ҷавонон минбаъд низ тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ хоҳанд шуд. Дар робита ба ин, Пешвои миллат ёдовар шуданд, ки «Мо имсол «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027»-ро қабул намудем».

Роҳбари давлат ба вазъи ноороми ҷаҳон дахл намуда, бори дигар ҳушдор доданд, ки таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паёмадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳо шиддат гирифта, оғози марҳилаи «ҷанги сард» муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии миёни давлатҳоро халалдор кард. Таъкид гардид, ки гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ бо корбурд аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо истифода аз роҳу василаҳои гуногун барои гумроҳсозии ҷавонони ноогоҳ ва ҷалби онҳо ба сафҳои худ пайваста талош мекунанд. Сарвари давлат мақомоти ҳифзи ҳуқуқро супориш доданд, ки дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ фаъолияти худро ҳамоҳанг созанд. Воқеан ҳам, ин масъала хеле нигаронкунанда аст ва набояд касеро бетараф гузорад, зеро тафаккури ифротӣ, гурӯҳҳои ифротгаро ва созмонҳои террористӣ барои амнияти ҷомеаи башарӣ хатари бузург эҷод мекунанд.

Хушбахтона, дар кишвари мо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ҷалби дигар ниҳодҳо бо додани баҳои дуруст ба ин хатар ҷиҳати пешгирии гароиши ҷавонон ба чунин ҳаракатҳо талошҳои ҷиддӣ намуда, дар самти таъмини амнияти Ватани азизамон хидмати бузургро анҷом медиҳанд. Тақозо мешавад, ки алайҳи мубориза ба ин гуна гурӯҳҳову ҳизбҳову ташкилотҳо пайваста тадбирҳои мушаххасу боровар андешида шаванд. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат дар Паёмашон супориш доданд, ки «Дар робита ба ин, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад». Воқеан ҳам, ҷиҳати муқовимат ба ҳуҷумҳои иттилоотии муташаккилона ба муқобили кишвари азизи мо, ки солҳои охир роҳандозӣ гардидааст, таъсиси чунин марказ тадбири саривақтӣ ва ногузир аст.

Бо бардошт аз муҳтавои фарогир, бо итминон метавон гуфт, ки Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як сокини шарафманди кишвар паёме буд аз дирӯз ва ояндаи дурахшону саодатовар, ки мебояд онро ба сифати дастури воло ва муфиду созандаву роҳнамо дар кору пайкори хеш сармашқ қарор бидиҳем.

# ЧАНД ХАБАР АЗ ЯК ГУЗОРИШ

**24-уми январи соли 2023 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

**Дар он натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2022 муфассал баррасӣ гардида, вазифаҳои асосӣ барои соли 2023 муайян карда шуданд.**

Соли 2022 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 115,7 миллиард сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиш таъмин шуд.

Сатҳи таваррум 4,2 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021-ум 3,8 банди фоизӣ кам мебошад.

Соли 2022 ба қисми даромади умумии буҷети давлатӣ 36,3 миллиард сомонӣ маблағ ворид гардид, ки дар қиёс ба нақша 1,3 миллиард сомонӣ зиёд аст.

Ҳамчунин, соли гузашта дар кишвар 487 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шуда, рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъмин гардид.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат дар соли 2022 истеҳсоли неруи барқ дар мамлакат нисбат ба соли 2021-ум 776 миллион киловатт - соат ё 3,8 фоиз зиёд гардид.

Соли гузашта истеҳсоли умумии маҳсулоти кишоварзӣ 49,3 миллиард сомониро ташкил дода, суръати рушди он нисбат ба соли 2021 ба 108 фоиз баробар гардид.

Соли 2022 нисбат ба соли 2021 ба кишвар 1,9 баробар зиёд сармояи мустақими хориҷӣ ворид шудааст.

Аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба соҳибкорон ва аҳолӣ соли 2022, дар маҷмӯъ, 14,4 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки назар ба соли 2021-ум 700 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2022 ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ба 16,3 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли 2021-ум 11,4 фоиз зиёд аст.

Татбиқи 17 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 11 миллиард сомонӣ дар соҳаи нақлиёт имкон дод, ки рушди соҳа таъмин гардад ва дар натиҷа соли сипаришуда тавассути ҳама гуна нақлиёт 103,4 миллион тонна бор ва 818,6 миллион нафар мусофир кашонида ва бурда шуд, ки аз соли 2021 мутаносибан 26 ва 11 фоиз зиёд мебошад.

Соли 2022 ҳаҷми умумии гардиши савдо 47,6 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021-ум 11,2 фоиз зиёд аст.

Тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат имконият фароҳам оварданд, ки дар давраи ҳисоботӣ гардиши савдои хориҷӣ дар қиёс ба соли 2021-ум 15 фоиз афзоиш ёбад.

Дар ин давра бо мақсади рушди инфрасохтори соҳа 221 муассисаи таълимӣ ва томактабӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Бо мақсади рушди соҳаи тандурустӣ ва сари вақт бартараф кардани мушкилоти мавҷуда соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои рушди соҳа 2,6 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 13 фоиз зиёд мебошад.

Соли 2022 дар кишвар корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ бо таъсиси беш аз 6 ҳазор ҷойи нави кор мавриди истифода қарор дода шуда, нисбат ба соли қаблӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 15,4 фоиз афзоиш ёфт.

Дар доираи нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе дар соли сипаригашта корҳои ободониву бунёдкорӣ бомаром идома ёфта, 708 иқдоми созандагӣ, аз ҷумла бунёди 14 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва томактабӣ, 8 муассисаи тандурустӣ, 74 корхонаю коргоҳи саноатӣ, 16,3 километр роҳ, 11 бинои маъмурӣ, 23 иншооти баландошёна бо 28 маркази хизматрасонӣ, 8 иншооти варзиш, рангубори 146 бино ва як қатор корҳои дигар бо таъсиси беш аз 2 ҳазор ҷойи нави кор, амалӣ шуд.

Соли 2022 нисбат ба соли қаблӣ дар пойтахт ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 110 фоиз, гардиши савдои хориҷӣ 2 баробар, гардиши савдо 109 фоиз, хизматрасонии пулакӣ 126 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 103 фоиз, боркашонӣ 1,7 баробар ва мусофиркашонӣ 109 фоиз афзоиш ёфтааст.

Соли гузашта истеҳсоли алюминийи аввалия 62 ҳазор тоннаро ташкил кард, ки нисбат ба соли гузашта 1,5 ҳазор тонна ё 2,5 фоиз зиёд мебошад.

**Таҳияи Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# МАҲБУБИЯТ ВА МАНЗАЛАТИ БЕНИҲОЯТ БАЛАНДИ РАИСИ ҲХДТ

## Дар ноҳияи Фирдавсӣ соли гузашта таъсис ёфтани 23 ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ ва 4000 нафар зиёд шудани аъзо ба ин омил вобаста аст.

**-Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон бо роҳбарии Раиси он, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар мабнои арҷгузорӣ ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатӣ барои эъмори давлати демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон, инчунин, ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он, таъмини саодати халқ ва озодиҳои шаҳрвандон кӯшиш ба харҷ дода, комёбиҳо бениҳоят зиёд аст. Бегуфтугӯ, маҳбубияти ҳизб ва тамоюли афзоишро касб намудани теъдоди аъзо ва ҳаводорони он ба шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рабт дорад, - гуфт дар суҳбат раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ Абдураҳим Шоҳиён.**



Шаҳрвандон ба он хотир аъзои ҳизб шуданд ва шуда истодаанд, ки Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба суханашон содиқ, ба ваъдаашон устувор ҳастанду дилхоҳ ибтикор аз зовияи мардумсолориву қонунмеҳварӣ сурат мегирад. Бинобар ин, ба қадри ин шахсият расидан ва роҳи интихобкардаашонро ҳифз карда, идома додан моҳиятан ва мантиқан эҳтиром ба давлати миллӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон аст. Дар раванди суҳбат маълум гардид, ки Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ дар 205 ташкилоти ҳизбӣ 16 ҳазору 450 аъзои ҳизбро муттаҳид намудааст. Аз теъдоди зикршуда 7 ҳазору 408 нафарро ҷавонон ташкил дода, 9 ҳазору 684 нафар зан мебошанд. Пурмаҳсул будани фаъолият дар он зоҳир мегардад, ки танҳо соли гузашта теъдоди аъзои ҳизб дар ноҳия 4000 нафар афзуда, 23 ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ таъсис дода шуд. Илова бар ин, ҷиҳати сабти дақиқи аъзо аз ҷониби Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи марказии ҲХДТ «Махзани ягонаи электронии аъзои ҲХДТ» ташкил шудааст, ки аллакай натиҷаи назаррас ба бор овард.

Иқдоми дигари ба тавсеаи фаъолият мусоидаткунанда таъмин гардидани ташкилотҳои ҳизбӣ бо «Китоби бақайдгирии аъзои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон» махсуб мешавад. Дар заминаи ин ибтикор пешниҳоди ҳисоботи омории муътамад имконпазир гардид.

- Ба шарофати нуфузи хосаи ҳизб номзадҳои ҲХДТ, ки ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии якмандатии Фирдавсӣ №1, вакилии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе ва ноҳияи Фирдавсӣ бар ивази вакилони хориҷшуда дар ҳавзаҳои интихоботии шаҳрии №62, №5, № 9, №26 ва № 31 пешниҳод шуда буданд, комёб гардиданд, - афзуд ҳамсуҳбатам.

Абдураҳим Шоҳиён бо иқтибос намудани таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Ҳар яки мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад», аз чорабиниҳои ба ин масъала рабтдошта ёдовар шуд. Маълум гардид, ки бахшида ба Рӯзи Президент аксияҳои «Пешвои миллат - ҳомӣ ва роҳнамои ҷавонон», «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз саҳифаҳои дурахшони таърихи навини кишвар аст» ва «Президенти ман», дар робита ба 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи илмӣ-адабӣ таҳти унвони «Нақши занону бонувони тоҷик дар пойдории истиқлолияти давлатӣ», озмуни иншои беҳтарин таҳти унвони «Истиқлолият - рамзи олии Ватану ватандорӣ» миёни хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия баргузор гардидааст.

Бо мақсади тақвияти ватандӯстӣ дар қисмҳои ҳарбии 0123-и Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 08010-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрӣ доир гардида, хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таълимии ноҳияи Фирдавсӣ аз хобгоҳ, хонаи маишӣ-фароғатӣ, нуқтаи тиббӣ, хонаи волидайн, ошхонаи сарбозон ва осорхонаи онҳо боздид намуданд.

Бахшида ба Рӯзи Модар доир намудани суҳбати гирди миз бо номи «Нақши занон дар ташаккули давлатдории тоҷикон», аёдати модарони муътабар, баргузории аксия таҳти унвони «Модар, ту биҳишти ҷовидон баҳри манӣ», бахшида ба Рӯзи пойтахт созмон додани озмуни «Рассоми беҳтарин», бо истинод ба Рӯзи оила чорабинии сиёсӣ-фарҳангӣ таҳти унвони «Оила-пойдевори давлат», бахшида ба Рӯзи ҷавонон мусобиқаи варзишии баскетбол идомаи мантиқии ин раванд маҳсуб мешавад.

Илова бар ин, роҳбарияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ дар ҳайати гурӯҳи кории Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз 23-юм то 28-уми феврали соли гузашта ба ВМКБ сафар намуда, дар вохӯриҳо нутқи пурмуҳтаво намуданд.

Бино ба гуфти А. Шоҳиён, дар давраи зикршуда шарҳу тавзеҳи Паёми Пешвои миллат ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат масъалаи меҳварӣ буда, дар ин мавзӯъ 744 мулоқот доир гардид. Соли сипаришуда ба қабулгоҳи ҷамъиятии назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ 177 ариза пешниҳод гардида, бо ҷалби вакилон ба 624 ниёзманд кумаки моддии яквақтаина расонида шуд.

Иқдоми дигари арзандаи ситоиш дар ҳамовозӣ ба мурожиатномаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар бобати ба «Шаҳри сабз» табдил додани шаҳри Душанбе баргузории 10 аксияи ниҳолшинонӣ ва 78 ҳашари дастаҷамъона ба ҳисоб меравад.

Бар замми ибтикори зикршуда, роҳбарияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ кӯшиш дорад, то дар таъмини амнияти иттилоотӣ низ саҳм гузоранд. Бо ин мақсад моҳи августи соли гузашта дар Конференсияи 36-уми ғайринавбатии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ Комиссияи таҳлилӣ ва кор бо воситаҳои ахбори оммаи назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таъсис дода шуд.

Нашри матолиб оид ба дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ бо меҳвар қарор додани нақши Пешвои миллат, бозгӯӣ кардани ободиву созандагӣ дар шаҳри Душанбе, бетаъхир вокуниш намудан ба таҳоҷуми иттилоотӣ, инъикоси моҳият ва зарурияти бунёди НБО-и «Роғун», шарҳи хурофот, ҳушдор додани шаҳрвандон барои аз даст надодани зиракии сиёсӣ вазифаҳое мебошанд, ки аз тарафи комиссия дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро шуда истодааст. Шоистаи зикр аст, ки иқдоми мазкур интиҳои кор дар самти зикршуда набуда, чанде пеш дар назди Кумитаи иҷроияи ҳизб Комиссияи кор бо занон ва оила низ таъсис ёфт

Дар маҷмӯъ, Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мактаби бузургест, ки омӯзиш ва азбарнамоии он ҳар яки моро ба пешравиҳои беш аз пеш ноил мегардонад, - гуфт дар фарҷоми суҳбат Абдураҳим Шоҳиён.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

Зикри хайр

**24-уми декабри соли 2022 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» қабул гардида, айни замон мавриди амал қарор дорад.**

# ЁДЕ АЗ ҲУҚУҚШИНОСИ ВАРЗИДА ҲАҚНАЗАР ШОДИЕВ



Мутолиаи қонуни мазкур хонандаро ба воқеияти ҳаёти имрӯза, таҳлили сабабҳои қабули он водор месозад. Пӯшида нест, ки имрӯзҳо сатҳи маърифату маданияти шаҳрвандонамон, хусусан ҷавонон, мактаббачагон, кормандони соҳаҳои гуногуни кишвар, ҳатто дар мактабҳои олӣ ба дараҷаест, ки нигаронии ҷомеаро ба миён овардааст. Ин на танҳо падидаи ҷумҳурии мо, балки хоси аксар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад.

Дар ин замина ҳар як фард дар мадди аввал бояд манфиати давлату миллатро ба назар гирад, ғурури миллӣ дошта бошад. Ҳисси ватандорию миллатдӯстиро баланд нигоҳ дорад. Танҳо ба умеди он шудан, ки иҷрои ҳама мушкилӣ масъулияти роҳбарияти давлат аст, ғалат буда, ин гуна муносибат ба рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ мусоидат нахоҳад кард. Дар ҷумҳурӣ дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт шахсиятҳое ҳастанд, ки боиси ифтихор ва дар зиндагӣ намунаи ибрат шаванд.

Дар ин маврид ёдовар шудан аз зиндагиномаи яке аз ҳуқуқдонҳои шинохтаи ҷумҳурӣ, Корманди фахрии мақомоти прокуратура, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, дорандаи унвони «Муфаттиши беҳтарини Прокуратураи СССР», собиқ муовини якуми прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Комиссияи оштии миллӣ, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3 Ҳақназар Шодиев бамаврид аст.

Роҳи ҳаётии ӯ аз ноҳияи Фархор, ки бо дастгирии бародари калониаш Абдулло оғоз ёфта, то ба қуллаҳои баланди зиндагӣ расидааст, шоёни намунаву таҳсин аст.

Қаҳрамони матлаб умри кӯтоҳро бо масъулияти баланди инсонӣ, ҳамчун мутахассиси баландпояву устоди ҷавонони соҳа, ростгӯву ростқавл ва адолатпарвару содиқ ба Ватану халқи кишвар паси сар кард.

Дареғо, ки 1-уми декабри соли 2008 риштаи умраш дар синни 59 - солагӣ канда шуд.

Шиносоии мо ғоибона, солҳои 80-уми асри гузашта, ҳангоми дар вазифаи сардори шуъбаи ҳуқуқи Сарраёсати суғуртаи Вазорати молияи ҷумҳурӣ адои вазифа кардан, оғоз ёфт. Баъд аз адои санҷиши пардохти маблағҳои калони суғуртавӣ дар ноҳияи Фархор мавод оид ба ғайриқонунӣ сурат гирифтани амалиёти пардохтӣ ба прокуратураи вилояти ҳамонвақтаи Кӯлоб барои чорабинӣ ирсол шуд. Зиддиятҳо бисёр буданд, баъзе аз ашхоси манфиатҷӯ умед доштанд, ки мавод бозпас мегардад. Вале, пас аз чанд вақт аз прокуратураи мазкур мактуби ҷавобӣ бо имзои сардори шуъбаи тафтишотии прокуратура Ҳ. Шодиев ворид шуд. Дар он омада буд, ки бо сабаби дар кирдорҳои шахсони мансабдори Инспексияи суғуртаи ноҳияи Фархор мавҷуд будани нишонаҳои ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, тафтишоти пешакии он ба ШКД супорида шуд. Бояд гуфт, ки шахсони манфиатҷӯ дар рафти тафтишоти пешакӣ ҳам зиддият нишон дода, аз ҷавобгарӣ халос шудан мехостанд. Маҳз масъулияти касбии номбурда боиси ба охир расонидани ин қазия гардид. Бо ӯ ҳамсуҳбат шуда, барои муносибати объективона дар ин қазия миннатдорӣ кардам, вале ӯ бо як солорӣ «ин вазифаи мост, ба шумо ташаккур, ки ин камбудиҳоро ошкор кардед», - гӯён ба суҳбат нуқта гузошт.

Бо гузашти солҳо, бо амри тақдир фаъолияти минбаъдаи ман дар Прокуратураи генералии ҷумҳурӣ идома ёфта, қариб 10 сол ҳар ду дар утоқҳои кории ҳамшафат кор мекардем ва дӯстию бародарӣ доштем. Ӯ фарзандонашро дӯст медошт, вале дар тарбияташон сахтгир буд. Бо зердастон боадолатона ва сахтгирона муносибат дошт. Дар давоми ин солҳо боре нашудааст, ки ба кор аз соати 7-и пагоҳӣ дер омада бошем. Одатан ҳар пагоҳӣ кори мо аз раду бадал намудани фикру андешаҳо перомуни навигариҳо дар самти фаъолият, аз назар гузаронидани адабиёти даврии ба соҳа алоқаманд шурӯъ мешуд. Таҷрибаи бои ҳаётӣ ва касбияш ӯро соҳибэҳтиром карда буд. Дар баробари ин ӯ аз пурсидану фаҳмидани фикри мусоҳибаш ҳазар надошт. Дар бораи фаъолият дар Комиссияи оштии миллӣ сухани зиёд намезад. Танҳо аз дурандешии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми гуфтушунидҳо бофахр ёдовар мешуд.

